**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи доктории Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ. – Душанбе, 2025.**

Замони муосир бо густариши муносибатҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар баробари он, ҷаҳонишавӣ дар ҳамоҳангӣ бо равобити адабӣ, дар назди ҳар як узви ҷомеаи мутамаддин бахусус, муҳаққиқони соҳа, вазифаи омӯзиши забонҳои хориҷиро дар муқоиса бо забони модарӣ гузоштааст.

Маълум аст, ки дар забоншиносии тоҷик баъзе вожаҳои тарҷумашавандаи он баҳсталаб ва маъмул мебошанд, ки ҷанбаҳои гуногунро дар бар мегиранд. Масъалаи тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ то ҳол ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст ва диссертант Соҳибназарова Ҳ.Т.дар ин ҷода корҳои арзишманде ба субот расонидааст.

Диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» ба яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ – воситаҳои тасвири бадеӣ бахшида шудааст.

**Мақсади таҳқиқ** таҳлили муқоисавии фарогири ҷанбаҳои забонии воситаҳои тасвири бадеӣ аз нигоҳи тарҷума дар заминаи матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ буда, муаллиф дар раванди таҳқиқ воситаҳои тасвири бадеиро аз нигоҳи сохтор, маъно, роҳҳои ифода ва вижагиҳои вазифавӣ дар адабиёти бадеӣ баррасӣ намудааст.

Ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафи таҳқиқ иҷрои вазифаҳои мушаххаси зеринро ба мақсад мувофиқ донистааст: ҷамъоварӣ ва таҳлили маводди назариявӣ оид ба воситаҳои тасвири бадеӣ, тафсири мафҳумҳои луғавӣ, истилоҳнигорӣ ва ифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ, баррасии таснифоти воситаҳои тасвири бадеӣ дар забонҳои мавриди таҳқиқ, муайян намудани заминаҳои назариявии мавқеи воситаҳои тасвири бадеӣ дар тарҷумашиносӣ ва тарҷумаи бадеӣ, тавсифи муқоисавии истиора, ташбеҳ, киноя ва амсоли инҳо дар тарҷумашиносӣ, ки барои расидан ба тарҷумаи комил шароит муҳайё менамоянд.

**Навгонии илмии** пажуҳиши мазкур дар он зоҳир мегардад, ки воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар асоси маводди назариявии ду забон омӯхта шуда, кӯшиши омӯзиши ин воситаҳои муассири забон, усулҳои тарҷума ва истифодаи онҳо дар асари бадеӣ мушаххас карда шудааст.

Бори аввал тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ ва хусусиятҳои луғавию истилоҳии онҳо дар доираи ду забон ба таври дақиқ таҳлил шудаанд. Омилҳои луғавӣ ва дастурии воситаҳои тасвири бадеӣ, номутобиқатии

истилоҳии онҳо дар луғатҳои тафсирӣ ва дузабона, роҳҳои ифодаи онҳо дар таркиби воҳидҳои луғавии бемуодил, ки ба раванди тарҷумаи адабиёти бадеӣ таъсир мерасонанд, таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Таҳқиқи диссертатсионии мазкур таҳти унвони «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мутобиқат мекунад.

Дар **муқаддимаи** автореферат дар бораи мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, асосҳои назариявӣ, сарчашмаҳо ва навгонии илмии таҳқиқ ва дигар бандҳо тибқи талаботи барасмиятдарории диссертатсия маълумот дода шудааст.

**Боби якуми** диссертатсия **«Ҷанбаҳои назариявии таҳқиқи воситаҳои тасвири бадеӣ дар забоншиносӣ»** унвон дошта, аз 2 фасл иборат аст, ки дар он бозбинии таҳқиқоти забоншиносӣ вобаста ба корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ ва марзгузории онҳо таҳлил шудаанд.

**Боби дуюм** таҳти унвони **«Ҷанбаҳои назариявии таҳқиқи воситаҳои тасвири бадеӣ дар тарҷумашиносӣ»** аз 3 фасл иборат буда, дар он ҷойгоҳи воситаҳои тасвири бадеӣ дар тарҷумашиносӣ муқаррар гардидааст.

**Боби сеюми** диссертатсия таҳти унвони **«Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ, сохторӣ ва услубии санъатҳои бадеӣ ва роҳҳои ифодаи онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** аз 7 фасл ва 2 зерфасл иборат аст ва дар он вижагиҳои истиора, ташбеҳу киноя, муболиғаю тасғир ва дигар намунаҳои барҷастаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баррасӣ гардидааст.

Дар боби чорум масъалаи таҳвилоти луғавӣ ва дастурӣ, таҳти унвони **«Вижагиҳои татбиқи таҳвилоти луғавӣ ва дастурӣ дар тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ (дар заминаи матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)»** баррасӣ шудаанд. Боби мазкур аз 2 фаслу 6 зерфасл иборат буда, фаслҳои он таҳвилоти луғавӣ марбут ба тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ ва дастурӣ унвон дошта, он аз 6 зерфасл иборат мебошад.

**Боби панҷуми** диссертатсия **«Хусусияти тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар робита ба масъалаҳои «тарҷуманопазирӣ» дар асоси осори бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ном дошта, аз 5 фасл иборат аст, ки дар он воситаҳои тасвири бадеӣ дар таркиби воҳидҳои бемуодил дар матни асл ва тарҷума баррасӣ гардидаанд.

Мавзуи интихобнамудаи муҳаққиқ дар асоси маводди бойи гирдовардашудаи мутахассисони соҳа ва адабиёти тарҷумашуда таҳия гардидааст.

Дар баробари ба муваффақиятҳо ноил шудан, дар рисолаи мазкур камбудиҳо низ ба чашм мерасанд:

1. Агар барои таҳлили таҳвилоти тарҷумавӣ мисолҳои бештар истифода мегардид, арзиши илмии диссертатсияро баланд мекард.
2. Дар баъзе аз саҳифаҳои автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва мантиқӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо метавонанд ба беҳтар шудани кор мусоидат намоянд.

Камбудиҳои мазкур арзиши илмии рисолаи Соҳибназарова Ҳ.Т.-ро. Паст кардаанд ва онро метавон барои ҳимоя тавсия намуд.

Автореферат ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Соҳибназарова Ҳ.Т.-ро дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ пешниҳод гардидааст, ба талабот мувофиқ буда, муаллифи онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ тавсия намудан мумкин аст.

**Муқарриз:**
Доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии»
Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» Азимова Матлюба Нуридиновна

**Нишонӣ:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, кӯчаи Исмоили Сомонӣ,
хонаи 20, ҳуҷраи 41.
Тел.: (+992) 926-48-80-55
E-mail: rajabova_s87@mail.ru

Имзои М.Н. Азимоваро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» Сайдуллозода Зарина Сайдулло

**Нишонии муассиса:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел: (+992) 3422 6-52-73
E-mail: www.hgu.tj

29.04.2025